**ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС**

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 07.02.2025, №55**

Барои сазовор донистани Одинаев Эраҷ Сарахонович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи Одинаев Эраҷ Сарахонович дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) санаи 29 ноябри соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №69 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Одинаев Эраҷ Сарахонович 19 декабри 1987 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик.

Одинаев Эраҷ Сарахонович соли 2012 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси информатика хатм намудааст. Одинаев Эраҷ Сарахонович соли 2013 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ дохил шуда, донишгоҳи номбурдаро аз рӯйи ихтисоси информатика соли 2015 хатм намудааст. Солҳои 2017-2020 докторанти (PhD) кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳо ва кадрҳои илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторанти (PhD) 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳони ниҳоиро бомуваффақият супоридааст. Дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.04.2024 таҳти №07/49/02-141 номбурда шуруъ аз санаи 12.04.2024 барои аз ихтисоси информатика ба ихтисоси молия гузуштан, фарқияти академӣ супоридааст.

Одинаев Эраҷ Сарахонович ҳоло ба ҳайси ассистенти кафедраи молияи ДДМИТ фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Одинаев Эраҷ Сарахонович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29-уми декабри соли 2017, суратмаҷлиси №155/И тасдиқ шудааст ва бо қарори шурои Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2019, суратмаҷлиси №01/3.5 иваз шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Бегматов Ашӯрбой Ахманович -** номзади илмҳои иқтисодӣ**,** дотсент, и.в. профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (айни ҳол кор намекунанд бо сабаби беморӣ).

**Муқарризони расмӣ:**

**Ризозода Тӯра Раббим-** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,

**Зиёев Ҳулфиқор Маҳмадёқубович-** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар:**

Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., Хидиралиев Р.З. – мудири кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таҳия гардида, дар ҷаласаи якљояи кафедраҳои молия ва менеҷменти молиявӣ ва андозбандӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №6/А, аз 17.01.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода Убайдулло Саттор тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин хулоса шудааст, ки диссертатсияи докторант (PhD) Одинаев Эраҷ Сарахонович дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Одинаев Эраҷ Сарахонович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) 8 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшаванда:

[1-М] Одинаев Э.С. Влияние внешних факторов на развитие национальной экономики и финансовой системы Республики Таджикистан [Текст] / Э.С. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия

социально-экономических и общественных наук. 2019, № 7. -С.119- 124. ISSN: 2413-5151

[2-М] Одинаев, Э. С. Қарзи берунаи давлатӣ ва нақши он дар ҳалли муаммои маҳдудияти захираҳои молиявӣ [Матн] / Э. С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №. 10-1. – С. 202-207. ISSN: 2413-5151

[3-М] Одинаев, Э. С. Развитие финансовой системы Республики Таджикистан в условиях глобализации и кризиса мировой экономики [Текст] / Х. М. Давлатов, Э. Одинаев // Финансово-экономический вестник. – 2019. – № 1(17). – С. 28-35. ISSN: 2663-0389.

[4-М] Одинаев Э.С. Масъалаҳои методологӣ ва амалии таъсири низоми андоз ба рушди иқтисодӣ [Матн] / Э.С. Одинаев, А.А. Бегматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-икдисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020, № 2. - С.116- 121. ISSN: 2413-5151

[5-М] Одинаев, Э. С. Масоили монетизатсиякунонии иқтисодиёт дар меҳвари сиёсати монетарӣ [Матн] / Э. С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №. 5. – С. 93-100. ISSN: 2413-5151

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М] Одинаев Э.С. Такомулёбии сарчашмаҳои даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби пардохтҳои ғайриандозӣ [Матн] / Э.С. Одинаев // Сборник материалов республиканской научно- практической конференции на тему “Актуальные проблемы управления, государственными финансами: национальные и региональные аспекты” (г. Душанбе, 7 декабря 2019 года). - Душанбе: ТГФЭУ, 2019. - С.137-139.

[7-М] Одинаев Э.С. Таъсири омилҳои беруна ба рушди икдисодиёти миллӣ ва низоми молияи мамлакат [Матн] / Э.С. Одинаев, А.А. Бегматов // Сборник материалов республиканской научно- практической конференции на тему “Актуальные проблемы управления государственными финансами: националь-ные и региональные аспекты” (г. Душанбе, 7 декабря 2019 года). - Душанбе: ТГФЭУ, 2019. - С. 18-22.

[8-М] Одинаев Э.С. Қонуниятҳои рушди низоми молиявӣ ва истифодабарии онҳо дар амалияи молиявӣ мамлакат [Матн] / Э.С. Одинаев, А.А. Бегматов // Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему “Формирование инвестиционной модели развития Республики Таджикистан” (г. Душанбе, 14-е декабря 2018 года). - Душанбе: ТГФЭУ, 2018. - С.125-128.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Султонов З.С.– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия бо чунин эрод:**

1. Дар пешниҳоди аҳамияти мавзуи таҳқиқотӣ, бояд ба он далел асос шавад, ки то ҳадде дар иқтисодиёти муосир омӯзиши ин масъала муҳим ва зарурӣ мебошад. Муаллиф танҳо масъалаҳои умумии истифодабарии

захираҳои иқтисодӣ бо назардошти он, ки мавзуи омӯзиш ба мушкилоти такмили механизми молиявии чунин сохторҳо дар шароити муосири иқтисодӣ бахшида шудааст, асоснок мекунад.

**2. Сатторов А.А.-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эрод:**

1. Хуб мешуд дар ҷадвали 9 бо унвони пешниҳоди дурнамои рушди бахши молиявии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муаллиф дурнаморо аз соли 2025 оғоз менамуд, чунки 2024 сол ба охир расид.

**3. Ҳалимов Л.М. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:.**

1. Дар автореферат аз ҷониби муаллиф масъалаҳои такмили механизмҳои молиявӣ дар сатҳи зарурӣ дида баромада нашудаанд.

2. Агар муаллиф дар ҳар як қисмати ҷадвалҳои таҳлилшуда фикру андешаҳои худро иброз менамуд, матни автореферат боз ҳам пурмазмунтар мешуд.

**4. Вазирзода Д.Р. – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калон, ҷониши декан оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ бо чунин эрод:**

1. Хубтар мешуд агар муаллиф дар кори илмии худ таъсири омилҳои дохилӣ ва беруниро ба такмили механизмҳои молиявӣ дар шакли ҷадвал таҳия намуда онро ҷудо менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Тақризҳои дигар нест. Ташаккур, ба диққататон!

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои мукаммалсозии низоми молиявь, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доктори фалсафа (PhD) дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияе коркард шудааст,*** ки дар иҷро намудани вазифаҳои низоми молиявӣ захираҳои иқтисодӣ накш ва мақоми муҳим дошта, механизми батанзимдарорӣ ва раванди ҳавасманд намудани субъектони истифодабарандаи ин захираҳо ба воситаи фишангҳои низоми молиявии давлат, аз қибили андозҳо, қарзҳо, сармоягузориҳо ва ғайра сурат мегирад ва низоми молиявии Тоҷикистон низ аз сохторҳои муйяни бо ҳам алоқаманд

иборат буда, дар он масъалаи ҳавасмандиҳои молиявӣ дар раванди самаранок истифода намудани захираҳои иқтисодӣ то ҳол пурра ҳалли худро наёфтааст.

- ***пешниҳод шудааст:*** а) таърифи муаллифи мафҳуми захираҳои иқтисодӣ дар пояи низоми молиявӣ ҳамчун маҷмуи бозорҳои молиявӣ, муассисаҳо ва муносибатҳое, ки захираҳои молиявиро дар байни зернизомҳои он муносиб тақсим намуда, ба рушди иқтисодии миллӣ мусоидат мекунад; б) роҳҳои такмили механизмҳои молиявии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар замони муосир;.

- ***исбот шудааст:*** 1) таъсири низоми андозӣ ба рушди иқтисодӣ дар сатҳҳои микро- ва макроиқтисод исбот карда шуда, дар ин замина самтҳои асосии такмили низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд; 2) собит карда шуд, ки механизмҳои молиявӣ ҳамчун шарти зарурии рушди иқтисодӣ бояд раванди истифодаи самараноки захираҳои иқтисодиро дар мамлакат ба назар гирад; 3) Бархе аз муҳаққиқони соҳаи иқтисод муҳтавои асосии низмои молиявиро бо чунин гурӯҳи тақсими вазифаҳо дар раванди тақсими захираҳои иқтисодӣ: «...равишҳои сохторӣ, функсионалӣ ва омехта (функсионалӣ-сохторӣ)» инъикос менамоянд. Натиҷаи таҳқиқотҳо собит намуд, ки самти вазифаҳои равишҳои сохторӣ ва функсионалӣ бояд бо ҳам якто – “маҷмуӣ” карда шаванд, чунки дар равиши маҷмуӣ метавонад ҳам ниҳодҳо ва ҳам бахшҳои молиявӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд.

- ***омилҳо ва мушкилоти асосӣ,*** аз он ҷумла мушкилоти асосии иқтисоди миллӣ дар шароити ноустувории молиявии хоҷагии ҷаҳонӣ ин таъмини рушди босубот ва тоб овардани он ба таъсири манфии омилҳои берунаи иқтисодӣ мебошад, ки ***ошкор ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод*** гардидааст. Нишон дода шудааст, ки хароҷоти давлатӣ бо шаклҳои гуногунаш ба рушди иқтисодӣ таъсири гуногун дорад, ки ин фарзияро таҳқиқотҳои Бонки Ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад. Натиҷанокии бештар ба сатҳи рушди иқтисодӣ хароҷоти давлатӣ, ки барои маблағгузории сармоягузориҳои давлатӣ ба соҳаҳои бахши воқеъии иқтисодиёт, маориф ва тандурустӣ равона карда шуданд, таъсир мерасонад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** таҳқиқот бар пояи се фарзияи асосӣ бино ёфтааст, ки робитаи байни сатҳи рушди молиявӣ ва рушди иқтисодиро шарҳ медиҳанд: 1) фарзияи «пешниҳоди молиявӣ», ки мувофиқи он сатҳи рушди молиявӣ ба рушди иқтисодӣ таъсири бевосита дорад; 2) фарзияи «тақозои молиявӣ», ки мувофиқи он рушди молиявӣ аз тағйирот дар бахши воқеӣ вобаста аст; 3) фарзияи «алоқаи дуҷонибаи сабабӣ» яъне таъсири мутақобилаи сатҳи рушди низоми молиявӣ ва рушди иқтисодӣ вуҷуд дорад.

- ***исбот шудааст,*** ки алоқамандии мусбии низоми молиявӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ механизмҳои муосири таъсиррасон бо пешниҳоди молиявиро ба миён меорад. Ин фарзия таъсири бахши молиявиро ба рушди иқтисоди воқеӣ бо он шарҳ медиҳад, ки бозорҳои молиявӣ ва институтҳо, зиёд шудани пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ заминаҳои рушди ояндаи иқтисодро фароҳам меоранд.

-*консепсияи* таърифи муаллифи мафҳуми захираҳои иқтисодӣ дар пояи низоми молиявӣ ҳамчун маҷмуи бозорҳои молиявӣ, муассисаҳо ва муносибатҳоеро, ки захираҳои молиявиро дар байни зернизомҳои он муносиб тақсим намуда, ба рушди иқтисодии миллӣ мусоидот мекунад, пешниҳод карда шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок:** роҳҳои такмили механизмҳои молиявии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар замони муосир коркард гардида, собит карда шуд, ки механизмҳои молиявӣ ҳамчун шарти зарурии рушди иқтисодӣ бояд раванди истифодаи самараноки захираҳои иқтисодиро дар мамлакат дар бар гиранд.

- ***баён шудани*** а) самтҳои рушди босуръати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ; б) мантиқан дуруст будани истифодаи истилоҳи «иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ» дар иқтисоди Тоҷикистон, чунки иқтисоди саноатӣ бо рушди инноватсионӣ ба ҳам пайваста аст; в) нишон додани хусусияти муҳимтарини иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ, ки дар байни омилҳои рушди иқтисодӣ рушди саноат ва сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосӣ баромад мекунанд.

- ***ошкор гардидани*** дурнамои рушди бахши молиявӣ то давраи соли 2030, оварда шудани пешниҳодҳо оид ба ҷанбаҳои муҳими бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои мушаххас.

- ***исбот шудааст,*** ки ҳадди аксари бахшҳои молиявии Тоҷикистон дар давраи ташаккулёбӣ қарор дошта, қисмати зиёди гардиши пулӣ ба ба воситаи ниҳодҳои зерсохтори бонк сурат мегирад ва мушкилоти рушди бозори молиявӣ, пеш аз ҳама ба фаъолияти нодурусти як қатор ниҳодҳои молиявӣ, ба монанди бозори такрории коғазҳои қиматнок, бозори такрории фурӯши қарзҳо, фондҳои сармоягузорӣ, фишангҳои хеҷиронии хавфҳо (асъорӣ, қарзӣ, амалиётӣ ва бозор), муассисаҳои венчурӣ, фондҳои кафолатӣ монеаи асоси рушди бозори молиявӣ мебошад. Вобаста ба ин, **пешниҳод шудааст,** ки асосҳои институтсионалии низоми молиявӣ, пеш аз ҳама унсури асосии он – бозори молиявӣ таҳким ва сохтори муосири онҳо дар ҷумҳурӣ бо истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ташаккул дода шавад.

- ***аз нав такмил додани методикаи арзёбии*** самаранокии хароҷоти давлатӣ: таҳлилҳо нишон доданд, ки самаранокии хароҷоти давлатӣ (Ксхд) дар солҳои 2015 -2018 Ксхд дар сатҳи 3,0 қарор дорад, яъне 1 сомонӣ хароҷоти давлатӣ ба 3 сомонӣ афзоиш ёфтани ММД оварда мерасонад. Дар солҳои 2019 – 2022 Ксхд томоюли зиёдшавӣ дошта, он аз беҳсози идоракунии молияи давлатӣ ва равнади назорати давлатии молиявӣ дар ҷараёни ҷамъоварӣ ва истифодаи воситаҳои буҷетӣ шаҳодат медиҳад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)** натиҷаҳои корро дар рафти таҳқиқоти минбаъдаи назариявӣ оид ба хусусиятҳои фаъолияти низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтидори механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, мушаххасоти фаъолияти маблағгузории давлатӣ ва муайянкунандаи сармоягузории механизмҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

***тавсияҳои методӣ ва амалии*** диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии бахши низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд. Паҳлӯҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд ҳангоми таълим барои таҳияи барномаҳои корӣ ва фанҳои таълимии «Молия», «Иқтисоди молиявӣ», «Буҷет ва низоми буҷетӣ», «Макроиқтисод», «Пул, қарз, бонкҳо», «Молияи минтақавӣ»-и донишҷӯён ва магистрантҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

- ***стратегияи*** роҳҳои такмили механизмҳои молиявии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар замони муосир коргард гардида, исбот карда шудааст, ки дар бозори молиявӣ ҳиссаи калони гардиши воситаҳои пулӣ тавассути низоми бонкӣ (98%) ва ба дигар соҳаҳо танҳо 2%-и он рост меояд ва ин нобаробарӣ, дар навбати худ иқтидор ва самаранок амал кардани бозори молиявӣ, раванди истифода ва ҷалб намудани сармояи хориҷиро ба давлат мушкил гардонидааст.

- ***пешниҳод шудааст:*** роҳҳои такмили механизмҳои молиявии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар замони муосир коргард гардид; б) собит карда шуд, ки механизмҳои молиявӣ ҳамчун шарти зарурии рушди иқтисодӣ бояд раванди истифодаи самараноки захираҳои иқтисодиро дар мамлакат ба назар гирад;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

-***гояи таҳқиқот*** аз алоқамандии мусбии низоми молиявӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ иборат буда, он механизмҳои муосири таъсиррасон бо пешниҳоди молиявиро ба миён меорад. Ин фарзия таъсири бахши молиявиро ба рушди иқтисоди воқеӣ бо он шарҳ медиҳад, ки бозорҳои молиявӣ ва институтҳо, зиёд шудани пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ заминаҳои рушди ояндаи иқтисодро фароҳам меоранд.

-***самтҳои*** дурнамои рушди бахши молиявӣ то давраи соли 2030 коркард гардида, пешниҳодҳо оид ба ҷанбаҳои муҳими бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои мушаххас оварда шудааст. Дар баробари ин, тавсияҳо оид ба рушди сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсати фискалӣ, инчунин бахши молиявӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод карда шудаанд.

- ***методологияи*** амалии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии бахши низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд. ***Пешниҳод шудааст, ки*** сиёсати аз ҷиҳати илми асоснокро нисбат ба боздоштан ва ё паст намудани монетизатсиякунонии иқтисодиёт (демонетизатсия), инчунин нисбат ба болоравии он (ремонетизатсии), бо дарназардошти оқибатҳои эҳтимолӣ он ба рушди иқтисодӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ татбиқ намудан зарур мебошад.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи тавсияҳо  раванди таҳқиқот усулҳои илмии умумӣ ва усулҳои шинохта, аз ҷумла, таҳлил, усули абстрактӣ ва конкретӣ, усули расмикунонӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд. Ҳангоми коркард ва ба низом даровардани маълумот усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва экспертӣ, инчунин усулҳои гурӯҳбандӣ истифода шудаанд.

- ***исбот шудааст, ки*** бонкҳо пешниҳоди қарзҳои дарозмуддатро барои бахшҳои воқеии иқтисодӣ хавфнок мешуморанд, чунки таҷрибаҳои солҳои қаблӣ нишон дод, ки фаъолияти бештари корхонаҳои истеҳсолӣ дуру дароз нестанд. Дар ин маврид, истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Русия ва Қозоқистонро оид ба ташкили фондҳои кафолотдиҳӣ ва субсидияи давлатӣ барои пӯшонидани як қисми фоизи қарзи корхонаҳоро истифода бурдан лозим аст ва дар асоси таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, такмили механизми ташаккул ва истифодаи бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон зарур мебошад.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 80,2% ва автореферати он 81,42% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:** тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он, таҳлил ва асосноккунии нишондиҳандаҳои низоми молиявӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шуда, равандҳои рушди низоми молиявӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, натиҷаҳои мушаххас ба даст оварда шудааст.

- дар омода ва нашр кардани 8 мақолаи илмӣ, ки аз ҷумла 5 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Одинаев Эраҷ Сарахонович дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии мукаммалсозии низоми молиявӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1,3; 1,6; 1,7; 1,10 ва 11,4-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 07.02.2025 қарори сазовор донистани Одинаев Эраҷ Сарахонович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд (1 нафар тариқи маҷозӣ), аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба

тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос: «Тарафдор» – 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ), «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**07 феврали соли 2025.**